ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»

# НИЗОМНОМАИ

# ИМТИҲОНИ ВОҚЕИИ СОХТОРИИ КЛИНИКӢ (ИВСК-OSCE)

Душанбе 2020

**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
Раиси Шӯрои олимон,
Ректори МДТ “ДДТТ ба
номи Абӯалӣ ибни Сино”
_______________Гулзода М.К.
“_29_” _октябри_ 2020

# НИЗОМНОМАИ
# ИМТИҲОНИ ВОҚЕИИ СОХТОРИИ КЛИНИКӢ

Душанбе 2020

МУНДАРИҶА

1.Муқаррароти умумӣ

2. Унсурҳои асосии ИВС К

3.Ташкили ИВСК

4.Гузаронидани ИВС К

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Имтиҳони воқеии сохтории клиникӣ – ИВСК ( The Objective Structured Clinikal Examination- OSCE)- ин усули баҳодиҳии салоҳиятнокии клиникии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии тиббӣ ва таҳсилоти баъдидипломии мутахассисон дар асоси тестикунонии воқеӣ ва тавассути иҷрои вазифаҳои клиникӣ мебошад.

1.2.Усули баҳодиҳии салоҳиятнокии клиникии донишҷӯён бояд ба се меъёр мувофиқат кунад: эътиборнокӣ, эътимоднокӣ, иҷрошавандагӣ.

**Эътиборнокии** имтиҳони клиникӣ бояд чунин қобилиятҳоро дар бар гирад:

- ҷамъ намудани анамнези беморӣ;
- гузаронидани муоинаи бемор;
- аз маълумоти гирифташуда муайян намудании мушкилоти бемор ва гузаронидани ташхиси дифференсиалӣ (тафриқавӣ);
- муайян намудани усулҳои зарурии таҳқиқот;
- тафсири натиҷаҳои таҳқиқот;
- тавсия ва гузаронидани табобати лозима, назорати бемор ва омӯзиши он.

**Эътимоднокии** имтиҳони клиникӣ бояд тавассути риояи муносибати воқеӣ ба баҳогузорӣ таъмин гардад. Тартиби боэътимоди баҳогузорӣ бояд тағйирнопазирӣ ва устувории меъёрҳои баҳо ва имтиҳонгирандаро дар бар гирад.

**Иҷрошавандагии** имтиҳони клиникӣ чунин меъёрҳоро дар бар мегирад:

- теъдоди донишҷӯёне, ки баҳогузорӣ карда мешаванд;
- теъдоди омӯзгорони ҷалбшаванда – имтиҳонгирандагон, вазифа ва ихтисоси онҳо;
- мавҷуд будани ҷой ва ё бинои мувофиқ барои гузаронидани имтиҳонҳои клиникӣ;
- меъёри баҳогузории натиҷаи имтиҳонҳо.

## 2. Унсурҳои асосии ИВСК

2.1. Роҳбарии умумӣ оид ба ташкил ва гузаронидани ИВСК аз ҷониби ректор ва муовинони ректор оид ба корҳои таълимию методӣ ва муолиҷавии МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино" амалӣ карда мешавад.

2.2. ИВСК барои донишҷӯён ҳамагӣ 2 маротиба дар давоми омӯзиши курс, 1 маротиба дар давоми таҳсили баъдидипломӣ (дар охири соли таҳсил) гузаронида мешавад.

Дар давоми таҳсил ординаторони клиникӣ, интернаҳо ва донишҷӯён (гурӯҳҳо) бояд якчанд маротиба дар Маркази омӯзиши малакаҳои амалӣ (МОМА) омӯзиш гузаронанд. Ҷадвали омӯзиши малакаҳои амалӣ дар МОМА аз тарафи раёсати таълимӣ-методӣ муқаррар карда мешавад.

2.3. Номгӯи стансияҳои ИВСК ва рӯйхати имтиҳонгирандагонро Шӯрои таълимӣ-методӣ тасдиқ мекунад.

2.4. Банақшагирӣ, ташкил ва гузаронидани ИВСК -ро аз рӯи ихтисос раёсати таълимӣ-методӣ, факултетҳо, МОМА ба ӯҳда дорад.

2.5. Стансияҳои ИВСК бояд ба салоҳиятнокии клиникии донишҷӯён боэътимод баҳогузорӣ намояд ва метавонад қобилиятҳои зерини донишҷӯёнро дар назар гирад: ҷамъоварии анамнез, навиштани таърихи беморӣ, гузаронидани муоинаи объективии бемор, маҳорат ва тартиби иҷроиши малакаҳои амалӣ, шарҳи маълумоти лабораторӣ-инстументалӣ, малакаҳои машваратӣ ва гуфтугӯии донишҷӯй бо бемор ва ғ.

2.6.Меъёри ҳисоби холҳо барои баҳогузорӣ (шакли варақаи баҳодиҳӣ). Варақаи баҳогузорӣ барои ҳамаи стансияҳо якто буда, дар он ҳар як стансия мавқеи худро дорад ва аз тарафи шӯрои таълимӣ-методӣ тасдиқ карда мешавад. Хол барои ҳар стансия якхела буда миқдори он аз имтиҳонсупорандагон (ординатор ё донишҷӯ) вобастагӣ дорад. Дар ҳар як стансия донишҷӯён як масъаларо интихоб карда ба он ҷавоб медиҳанд. Масъалаҳои клиникӣ аз тарафи кафедраҳо тартиб дода шуда, дар шӯрои таълимӣ-методӣ тасдиқ мегардад.

2.7.Имтиҳонсупорандагон (донишҷӯён, духтурон-интернаҳо, ординаторҳои клиникӣ). Ба имтиҳонсупорандагон дастури мукаммал оид ба мавзеъ ва вақти гузаронидани имтиҳон, қоидаҳои гузариш аз як стансия ба стансияи дигар , рӯйхати малакаҳои клиникии дар стансияҳои ИВСК ба иҷро мерасида бояд пешниҳод карда шавад.

2.8. Имтиҳонгирандагони стансияҳо аз ҳисоби омӯзгорони кафедра таъйин карда мешаванд. 1 моҳ пеш аз имтиҳон, ба имтиҳонгирандагон тавсифи пурраи стансияи дахлдор пешниҳод карда мешавад.

2.9. Ҷойи гузаронидани имтиҳони ҳамаи стансияҳо тасвир карда шуда, намунаи ҳаракати гурӯҳҳои навбатии имтиҳонсупорандагон қайд карда шавад. Ҷойгиркунии утоқҳои имтиҳонгирӣ бояд чунин бошад, ки садои занг ё ҷарангоси вақти гузариш ба стансияи навбатӣ, бояд дар ҳама стансияҳо баръало шунавида шавад.

2.10.Стансияҳои имтиҳонӣ. Стансияи клиникӣ (Clinikal station) – муносибати донишҷӯёнро бо беморони ҳақиқӣ ё стандартизатсияшуда дар бар мегирад, стансияҳои амалӣ (Practic station) – иҷроиши амалиёти техникӣ (тазриқ, қайди ЭКГ ва ғ.) стансияҳои оморӣ (Static station /Non- Interaction station) робита бо бемори стандартизатсияшударо дар бар намегирад, имтиҳонсупорандагон вазифаҳои гуногуни хаттиро, аз он ҷумла шарҳи натиҷаи таҳқиқоти лабораторӣ-инструменталӣ, нақшаи табобат, таъин кардани табобат, навиштани дорухатҳо, ки баъдан барои баҳодиҳӣ ҷамъ мекунанд, иҷро менамоянд.

2.11. Бемори стандартизатсияшуда на танҳо таърихи беморӣ, балки зоҳиршавии бемориро низ нишон дода, эҳсосот ва сифати шахсии беморро баён мекунад. Бемори стандартизатсияшуда фақат баъди тайёрии мувофиқ ва омӯзиш метавонад дар ИВСК иштирок намояд. Беморони стандартизатсияшуда дар назди беморони ҳақиқӣ чандин афзалияти фарқкунанда доранд: онҳоро назорат кардан мумкин аст, таърихи бемории онҳо комилан намунавӣ, аммо сохтакории зуҳуроти беморӣ метавонад стандартизатсия шавад. Беморони стандартизатсияшударо истифода бурда, сатҳи душвори стансияи имтиҳониро тафтиш кардан имконпазир аст ва истифодаи онҳо дар муддати имтиҳонҳои минбаъда метавонад барои аниқ муқоиса кардани натиҷаҳои иҷроиши вазифаҳои гуногуни донишҷӯён имконият диҳад.

2.12.Шахси масъул (директори МОМА), ки вақти имтиҳон ва вақти садои зангро назорат менамояд, пешакӣ ба ёварони худ дастур медиҳад ва бо ҳамоҳангсозони имтиҳонҳо вақти дақиқи имтиҳон, вақти дар як стансия будан, вақти гузариш аз як стансия ба стансияи дигарро ҳамоҳанг мекунад. Инчунин утоқҳоро барои назорати видеоӣ омода мекунад.

2.13. Супоришҳое, дар стансияҳои ИВСК аз ҷониби донишҷӯён ба иҷро мерасанд, бояд дақиқ муайян карда шаванд. Донишҷӯён, имтиҳонгирандагон, беморони стандартикунонидашуда, варақаи холҳо, дастури муайян ва возеҳи хисоби системавии баҳо дошта бошанд. Барои фарогирии васеи барномаи таълимӣ миқдори кофии супоришҳо (масъалаҳои ситуатсионӣ) бо давомнокии мувофиқ таъмин карда шаванд.

## 3. Ташкили ИВСК

3.1. Ҳамоҳангсозони ИВСК (Раёсати таълимӣ-методӣ, директори МОМА, деканатҳо) мувофиқи нақшаҳои пешбинишуда, ташкил ва гузаронидани имтиҳонро амалӣ менамоянд. Ҷадвали ИВСК дар мувофиқа бо деканатҳо тартиб дода шуда аз тарафи муовинони ректор тасдиқ карда мешавад. " Рӯйхати донишҷӯёни иҷозатдодашуда барои супоридани ИВСК " бо деканатҳо ва муовинони ректор мувофиқа карда шуда, бо фармоиши ректор тасдиқ карда мешаванд.

3.2.Ҳамоҳангсозони ИКСО бо омӯзгорон-имтиҳонгирандагон ва ҳайати кормандоне, ки ба имтиҳон ҷалб карда шудаанд, вохӯрӣ мегузаронанд. Дар вақти вохӯрӣ бо тартиби гузаронидани имтиҳон масъулиятнокии ҳар як имтиҳонгирандаро муқаррар ва мувофиқа намуда, барои дастурдиҳии донишҷӯён дар рӯзи имтиҳон омӯзгорони масъулиятнокро таъйин менамоянд. Ба ҳар як имтиҳонгиранда маълумот оид ба вақт ва ҷойи гузаронидани имтиҳон, рӯйхати ҳамаи стансияҳои имтиҳонӣ, ки дар он имтиҳонгиранда масъул мебошад; рӯйхати донишҷӯён; варақаи баҳогузорӣ барои ҳар як стансия пешниҳод карда мешавад.

3.3.Номгӯи стансияҳои ИВСК бо назардошти салоҳиятнокии донишҷӯён (ҷамъоварии анамнез,таърихи беморӣ, муоинаи объективии физикавӣ, иҷроиши кору ҳаракат, шарҳ додани натиҷаҳои лабораторӣ-инструменталии маълумотҳо, малакаҳои робитавӣ ва маслиҳатҳои беморон) тартиб дода шуда, ҳолатҳои клиникиеро, ки дар ин самт бояд ба иҷро расанд, таҳия менамоянд.

3.4. Раёсати таълимӣ- методӣ ва деканатҳо барои мукаммал будани таҷҳизоти стансияҳо ва тайёр намудани ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои имтиҳон: варақаҳои баҳогузорӣ; дастур барои имтиҳонгирандагон ва имтиҳонсупорандагон; рӯйхати донишҷӯёне, ки имтиҳон месупоранд; рӯйхати ҳамаи стансияҳо, рӯйхати имтиҳонгирандагон ва номгӯи таҷҳизот, ки барои ҳар як стансия зарур мебошад; нақшаи ҷойгиршавии стансияҳо масъул мебошанд.

1 рӯз пеш аз имтиҳон кормандони масъул стансияро тайёр мекунанд. Дар паси дари ҳар як стансия маълумоти мухтасар барои донишҷӯй ва рақами тартибии стансияро овезон мекунанд.

## 4. Гузаронидани ИВСК

4.1. Рӯзи имтиҳон (то саршавии имтиҳон) ҳамоҳангсозони ИВСК бояд пешакӣ ҷойгиршавӣ ва рақамгузории ҳар як стансия; таъминкунии ҳар

як стансия бо таҷҳизоти зарурӣ; ҳозир будани ҳамаи имтиҳонгирандагон, беморони стандартизатсияшудаи банақшагирифташуда; тафтиш намудани тайёрии омӯзгорон аз рӯи дастури таълимгирандагон; тайёрии ёрдамчиён- котибонро санҷида бароянд.

Имтиҳонгирандагон ва донишҷӯён бояд ба макони баргузории имтиҳон - МОМА то 30 дақиқа пеш аз саршавии имтиҳон ҳозир шаванд. Дастурамалҳои мувофиқ ба ҳар як гурӯҳ бояд алоҳида дода шавад.

4.2. Баъди тамом шудани имтиҳон ҳатман варақаи ҷавобҳоро аз ҳамаи донишҷӯён ва варақаҳои баҳогузориро бо баҳоҳо аз ҳар як имтиҳонгирандагон гирифта, бояд ба шахси масъул оид ба ҷамъ намудан ва нигоҳ доштани ҳуҷҷатгузории имтиҳонӣ супоранд.

4.3.Ҷамъбаст намудани имтиҳон аз тарафи комиссияи имтиҳонӣ ба иҷро мерасад. Натиҷаи имтиҳон ҷамъи ҳамаи холҳои дар вақти иҷроиши супоришҳои аз ҳар як стансия гирифта шуда мебошад. Ҳар як мушкилоти дар вақти ташкил ва гузаронидани имтиҳон пайдошуда, бояд ҳангоми имтиҳони навбатӣ дида баромада ва ба назар гирифта шавад. Ҳар як таклифу пешниҳодхое, ки гузаронидани имтиҳони навбатиро беҳтар менамояд бояд ба назар гирифта шавад. Натиҷаҳои иҷроиши супоришҳои клиникии донишҷӯён дар имтихон бояд аз тарафи омӯзгорон ва имтиҳонгирандагон барои ошкор намудани камбудии ҷойдошта ва беҳбудии ҷараёни таълими донишҷӯён дар оянда муҳокима карда шавад.

Баъди ба охир расидани имтиҳон омӯзгорон бо таҳсилкунандагон натиҷаҳои имтиҳонро муҳокима менамоянд.

**Варақаи мувофиқат**

| № | Вазифа | Ному насаб | Санаи мувофиқат | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Муовини ректор оид ба корҳои таълимию методӣ | Ибодзода С.Т. | 27.10.20 | [signature] |
| 2 | Муовини ректор оид ба корҳои муоличавӣ | Кобилов К.К | 27.10.20 | [signature] |
| 3 | Директори Маркази рушди стартегӣ ва менеҷмент | Маҳмудов Х.Р. | 27.10.20 | [signature] |
| 4 | Сардори бахши таъминоти ҳуқуқӣ | Саидов Ҷ.З. | 27.10.20 | [signature] |